Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025,
ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки
донишҷӯён, бинои таьлимии 7, ауд. 102)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи “Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ваназорат дар корхонаҳои сайёҳӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ эътироф гардида, ба рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла корхонаҳои сайёҳии ватанӣ таваҷҷуҳи муҳим дода мешавад. Вобаста ба гузариши субъектҳои хоҷагидори ватанӣ ба Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ зарурати мутобиқ намудани низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ, таҳия ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ мутобиқи талаботҳои СБҲМ ба истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ, барои густариши ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо ширкатҳои сайёҳии хориҷӣ мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар ин соҳа чун дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ талаботи иқтисодиёти бозорӣ буда, такмилдиҳии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ба роҳ мондани назорати дурусти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ то ҳол ҳалли худро наёфтаанд ва таҳқиқоти амиқро талаб менамоянд.

Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимов С.Х. барои ҳалли ин масъалаи муҳим ва роҳҳои мукаммал намудани пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботҳои СБҲМ бахшида шудааст, ки саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Дар корхонаҳои сайёҳӣ яке аз масъалаҳои муҳим таснифоти хароҷот гуруҳбандии он барои истифодабарии амалӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллиф барои муайян намудани арзиши аслии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ хароҷотро аз рӯйи намуди фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ гуруҳбандӣ, таснифот ва асоснок кардааст, ки ба таъминоти иттилоотии баҳисобгирӣ ва назорати хароҷот барои роҳбарият мусоидат менамояд (с. 24).Инчунин дар диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои ватанӣ як қатор тавсияҳои амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудаанд, ки амалинамоии онҳо ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат менамояд (с. 25-26).

Барои ҳалли масъалаҳои такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ муаллиф моделҳои сиёсати баҳисобгирӣ (с. 30-31), низоми назорати дохилӣ (с. 33), инчунин дар асоси моделҳои таснифотии соҳавӣ – таҳияи модели баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо барои корхонаҳои сайёҳӣ (с. 41), методикаи алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии хароҷот ва

истифодабарии принсипҳо ва талаботҳои СБҲМ дар корхонаҳои сайёҳӣ муҳим мебошад.

Натиҷаҳои дар автореферати диссертатсия пешниҳодгардида тафсири ягонагӣ дошта, фарзияи пешниҳодшуда ва методологияи коркардшударо тасдиқ менамоянд. Хулоса ва пешниҳодҳо асоснок карда шудаанд, бо навовариҳои илмӣ фарқ мекунанд ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо исбот мекунанд.

Дар баробари бартариҳо дар автореферат баъзе камбудиву норасоиҳо мавҷуданд, аз ҷумла дар саҳифаи 34 оид ба ташкили марказҳои масъулият дар корхонаҳои сайҳӣ нақши маркази масъулияти сатҳи поёнӣ ҳамчун маркази ташаккули хароҷоти маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ пурра кушода нашудааст.

Хулоса, новобаста аз камбудиҳои номбаршуда, кори диссертатсионии С.Х. Раҳимов дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» кори мустақилона иҷрокардашуда, аз ҷиҳати илмӣ-тахассусӣ анҷомёфта буда, самти илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ба бандҳои Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мутобиқат мекунад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи пешниҳодшуда ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) оид ба диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Раҳимов Саидалӣ Холович сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
д.и.и., дотсент мудири кафедраи
менеҷменти Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирова Г.Т.

“Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Қодирова Г.Т. -ро тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
АИДНПҶТ Зоирхонзода Ф.З.

11.01.25

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33. АИДНПҶТ
Тел:88-111-77-41, E-mail: kodirovagulmo68@gmail.com